# Афгонистон обистани фитнахои чадид

Муаллиф: “Озодагон”
07.05.2018 23:01

Хамлаи террористии ахир дар Кобул , ки мунчар ба кушта шудани даххо нафар, аз чумла нух хабарнигор шуд, баёнгари ин мухимм аст, ки Афгонистон аз субот ва амният фосила дорад.

Бархе коршиносон ба дунболи Збигнеф Бзежинский, мушовири собики амнияти миллии Амрико, бозихои геополотикиро ба тахтаи шатранч мукоиса мекунанд, аммо дар ин бозӣ накши мухрахоро шахсиятхои зинда, ахзоб ва гурўххо ифо мекунанд.

Дар хамин хол, вокеиёт дар хусуси талошхо барои истифода аз мухрахое, ки хомили идеология ва аъмоли террористии хатарнок мебошанд, хушдор медихад. Ин иддаоро метавон дар мисоли Амрико ва равобити он бо гурўхи ба ном “Давлати исломӣ”(ДОИШ) ба хубӣ дид.
Возех аст, ки ин гурўхи террористӣ худ ба худ зухур накарда ва касе аз он химоят карда то дар Сурия ва Ирок то ин хадд кавӣ шавад.

Дар айни хол, равшан аст, ки фаъолияти ДОИШ посухгўйи манофеъи Амрико буд, ки талош ба харч медихад Ховари Миёна ва Осиёи Марказиро тибки хост ва манофеъи худ тагйир дихад.
Баъд аз шикасти ДОИШ дар Сурия ва Ирок террористхое, ки дар ин манотик гирди хам омада буданд, мачбур шуданд амокини чадиде барои икомати худ чустучў кунанд.
Бо ин хол, фармондехон ва шибхинизомиёне, ки тахти парчам ва шиорхои опозисиюни Сурия фаъолият мекарданд, тавассути хавопаймохои амрикоӣ аз ин манотик хорич шуданд.
Дар мохи марти соли 2018 гузорише дар бархе расонахо мунташир шуд, ки дар он ба таври возех ва дакик ба химоятхои Амрико аз ДОИШ дар Сурия ишора шуд. Дар ин гузориш хамчунин аксе мунташир шуд, ки дар он сарони ин гурўхи террористӣ, аз чумла Абубакр ал-Багдодӣ хамрох бо амрикоихо, аз чумла сенатор Чон Мак Кейн хузур доштанд.
Ибтидо масирхои интиколи террористхо равшан набуд, аммо ахиран аз фаъолияти ин гурўхи террористӣ дар Афгонистон гузоришоте мунташир мешавад.
Бар асоси омор ва назари коршиносон, Амрико дар талош аст пружаи «Толибон» дар ин кишварро ба «ДОИШ» тагйир дихад. Барои дастёбӣ ба ин хадаф, Амрико бештар ба гурўххои монанди ДОИШ ниёз дорад, зеро барномахои ин гурўх ба як кишвар махдуд намешавад, аммо талошхои Толибон бештар мутамарказ ба марзхои Афгонистон аст.
Гурўххои чудогонаи “Давлати исломӣ” дар соли 2015 дар Афгонистон зухур карданд ва

умдатан муташаккил аз гурӯххои махаллии афгонистонӣ ва покистонихои фаъол дар манотике буданд, ки аз сӯи давлати Кобул контрол намешуданд.

Аммо дар соли 2017 нирухои аслии террористхо ба манотики шимоли ин кишвар ва хамчавор бо Точикистон, Ӯзбакистон ва Туркманистон мухочират карданд.

Дар ин маврид метавон ба вузӯх дар хусуси тағйири таркиби кавмии ДОИШ дар Афгонистон ишора кард. Дар суфуфи ин гурӯхи террористӣ намояндагони минтакаи Осиёи Марказӣ, Кафкоз, Русия, кишвархои арабӣ ва хатто аврупоӣ афзоиш ёфтаанд.

Бино бар изхороти муовини аввали вазири умури хоричаи Амрико, дар Афгонистон худуди 3 хазор доишӣ хузур доранд ва бино бар иттилооти манобеъи дигар теъдоди онон 4500 нафар ва то 10000 баровард шудааст.

Интиколи ин афрод хамрох бо террористхои хоричӣ наметавонист бидуни мушорикат ё бехабарӣ ва бе амали хукумати Кобул ва эътилофи низомии тахти раёсати НАТО ва Амрико сурат гирад.

Хамзамон дар Афгонистон дар хусуси парвози чархболхои бидуни аломат дар фазои манотике, ки тахти контроли террористхо аст, хабархо мунташир мешуд. Дар нихоят бозихои пушти сахнаи амрикоихо чунон возех шуд, ки хатто Хомид Карзай, раиси чумхури собики Афгонистон дар ноябри соли 2017 зимни сӯхбат бо «Берлин зайтунг» як расонаи олмонӣ таъкид кард, ки фаъолияти ДОИШ дар ин кишвар натичаи сиёсати Амрико ва хузури ин кишвар дар хоки Афгонистон аст.

Пеш аз ин дар мохи май хамчунин шабакаи телевизионии «Фокс ниюз» ин гурӯхи террористиро як пружаи амрикоӣ унвон карда буд.

Шуморе аз нухбагони барчастаи сиёсӣ низ ба таври мустаким Амрикоро ба кумак ба гурӯххои террористӣ дар каламрави Афгонистон муттахам мекунанд. Барои мисол дар мохи феврали соли 2018 Хочӣ Захир Кадир, намояндаи парлумони Афгонистон аз вилояти Нангархор бори дигар ба таври расмӣ дар хусуси шавохиди мавчуд дар мавриди даст доштани Амрико дар химоят аз ДОИШ иттилоъот мунташир кард.

Дар посух ба ин изхороти Хочӣ Захир Кадир дигар намояндагони парлумони Афгонистон ба чойи мутолиаи ин шавохид бо ачала ӯро мухолиф ва душмани давлат хонданд.

Чойи тааччуб нест, ки ин намояндаи парлумони Афгонистон баъд аз изхороти худ борхо ва борхо тахдид ба катл аз сӯи террористхои ин гурӯхи ифротӣ шуд. Изхороти мушобехе хамчунин тавассути Човид Кӯхистонӣ, корманди собики нирухои мусаллахи Афгонистон ва хамчунин Нохид Фарид, намояндаи минтакаи Хирот, дар хусуси химояти доишихо аз сӯи макомоти расмии ин кишвар дар манотики Пактиё, Кандахор ва Гӯр пахш шуда буд.

Дар хусуси химояти ошкори Амрико аз ДОИШ хамчунин Забехуллох Мучохид, сухангӯи Толибон изхори назар кардааст. Вай боре гуфта буд, ки дар чараёни даргирии ахири Толибон бо гурӯхи “Давлати исломӣ” дар яке аз манотики Нангархор низомиёни амрикоӣ ба химоят аз ДОИШ мавозеъи Толибонро бо хавопаймо бомбаборон карданд.

Тахдиди ДОИШ дар Афгонистон ба таври чиддӣ кишвархои хамсояро нигарон кардааст. Оятуллох Хоманаӣ, рахбари Инкилоби Исломии Эрон низ зимни суханоне дар ин хусус гуфт: нирухое, ки ДОИШро барои хушунат ва чиноят алайхи мардуми Сурия ва Ирок эчод карданд, акнун, баъд аз шикаст дар ин ду кишвар, ба дунболи интиколи

шибхинизомиёни доишӣ ба Афгонистон мебошанд ва кушторхои ахир, дар вокеъ, огози ичрои ин барномахо аст.

Рахбари Инкилоби исломӣ бо баёни ин, ки хадафи Амрико аз ин бесуботихо тамдиди хузури худ дар минтака мебошад, амрикоихоро далели вокеъии бесуботӣ дар Афгонистон баршумурд.

Дар холи хозир Вашингтон бо эчоди бесуботӣ талош мекунад хузури худ дар ин кишварро ба манзури дастёбӣ ба ахдофи сиёсӣ ва иктисодӣ, тазмин кунад.

Аммо бо вучуди ин иттилоот дар хусуси таквияти ДОИШ дар Афгонистон, амрикоихо, ки масъулияти таъмини амният дар ин кишварро бар ўхда гирифтаанд, хамрох бо давлати Кобул саъй доранд дар мавриди махдудаи вокеъии тахдиди ин гурўхи террористӣ, аз чумла бо дасткории теъдоди террористхо, сукут кунанд.

Кишвархои хамсояи Афгонистон аз фаъолиятхои пинхонии Амрико дар ин кишвар ва нодида гирифтани манофеъи онхо ибрози нигаронӣ мекунанд.

Бояд ба таври чиддӣ накши сарвисхои низомӣ ва ба вижа Амрико дар хусуси истифода аз ДОИШ дар Афгонистонро баррасӣ кард.

Амрико саъй дорад бо истифода аз сохторхои гайридавлатӣ ва маъмурони махфӣ хамкории худ бо тероросхоро пинхон кунад. Барои мисол, метавон ба Майкл Сэмпл, коршиноси умури Афгонистон ва Покистон ишора кард.

Вай аз соли 2004 то 2007 дар симати муовини намояндаи вижаи Иттиходияи Аврупо дар Афгонистон фаъолият кардааст. Дар ин давра вай ба интиколи маболиге ба террористхо дар шахри Мўсокалъаи вилояти Хилманд муттахам шуда ва тавассути давлати Афгонистон аз ин кишвар ихроч шуд.

Майкл Сэмпл дар холи хозир низ иртибототи худ бо “Давлати исломӣ”-ро катъ накарда ва аз шахри Карочии Покистон бо ин гурўх дар тамос аст. Ў дар фаъолияти интиколи шибхинизомиёни ДОИШ аз Ирок ва Сурия аз тарики масирхои дарёӣ ба шахри Карочии Покистон даст дорад.

Бо зухури гурўхи “Давлати исломӣ” дар Афгонистон гурўххои террористии “Харакати исломии Ўзбакистон”, “Чамоати Ансоруллах” (Точикистон), “Харакати исломии Туркистони шаркӣ” (Шинчони Чин) ва теъдоде дигар аз гурўххои тероростии камтар шинохташудаи киргиз ва казок, ки бо рахбари ДОИШ байъат карданд, фурсатеро барои худнамоӣ ба даст оварданд. Илова бар ин чанд сол кабл макомоти Афгонистон кампойнеро барои интиколи нируи кории умдатан муташаккил аз аквоми пашту ба чануб ва шимоли ин кишварро ташкил доданд. Ин амр боиси эътирози мардуми махаллӣ ба хузури аъзои гурўххои террористӣ ва ифротӣ, аз чумла чонибдорони ДОИШро ба дунбол дошт.

Ба назар мерасад, ки макомоти расмии Афгонистон ва хомиёни хоричии он ба хар бахонае саъй доранд афроди мавриди ниёзи худро ба шимоли ин кишвар мунтакил кунанд.

Бино бар арзёбии теъдоде аз коршиносон, масири террористхо дар шимол ба нафъи Кобул ва Амрико аст, зеро мавкеияти акаллият хои кавмии сокин дар ин манотикро, ки рахбарони он Ато Мухаммади Нури точик, Абдуррашид Дўстуми ўзбак ва Мухаммад Мухаккики хазора мебошанд, тазъиф мекунад. Ин амр хамчунин дар остонаи интихоботи парлумонӣ ва раёсатчумхурии Афгонистон дар солхои 2018 – 2019 аз ахамияти вижае

бархурдор мебошад.
Хамчунин хамалоти террористӣ дар Афгонистон, ки масъулияти онро гурӯхи террористии ДОИШ бар ӯхда гирифта баёнгари талоши ин гурӯх барои хамла ба акаллиятхои кавмӣ дар ин кишвар аст.
Илова бар химоят аз терроризм, дар Афгонистон норизоиятӣ аз фаъолиятхои низомиёни америкоӣ рӯ ба афзоиш аст, зеро мардум борхо шохид буданд, ки тахти хамалоти хавопаймохои америкоӣ дар ин кишвар мардуми бегунохи махаллӣ кушта шуданд.

Манбаъ: нашрияи “Озодагон”